# ҚАРОРИ
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 26 июни соли 2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ: Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ; Зокирзода Нусрат Мелик - номзади илмҳои фалсафа, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, муқарризони ғайрирасмӣ: докторони илми фалсафа А.С.Саидов, И.Ғ.Зиёев, Н.Н.Содиқӣ, А.А.Шамоловро шунида, баррасӣ карда шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертантро шунидаю муҳокима намуда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.
3. Ба Ҷабборова Вазира Ҳасановна дараҷаи илмии номзади илмҳои
фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои фалсафа ба Ҷабборова Вазира Ҳасановна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад;

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед. Тарафдор 16 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Саид Н.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ**

*26 июни соли 2025*